ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ИҶОЗАТНОМА

№24-871-ҶТ

Дода шуд ба: Ҷамъияти Саҳомии Пӯшида
«Телекомм Технолоджи»

Намуди фаъолият «Банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо, воситаҳои алоқа (аз ҷумла, ба истифода додани каналҳо шоҳроҳҳои алоқа)»;

Рақами бақайдгирӣ: № 24-871 -ҶТ аз 05 январи соли 2024
Мӯҳлати амали иҷозатнома: аз 05.01.2024 сол то 05.01.2029 сол
Рақами мушаххаси андозсупоранда:010002997
Рақами ягонаи мушаххас: 0210001660
Мушаххасоти бонкӣ: ФҶСК «Бонки Эсхата», ш.Душанбе,
МФО 350501707, с/х 20202972200020000330
Суроғаи ҳуқуқӣ ва воқеӣ: ш. Душанбе, к. Бохтар 48/3

Рақами телефон, факс, e-mail: (+99248) 7010016

Рӯзи қабул кардани карор дар бораи додани иҷозатнома: аз 05 январи соли 2024
Ҳудуди амали иҷозатнома: Ҷумҳурии Тоҷикистон
Иҷозатнома дар ҳолати мавҷуд будани шарту талаботҳои иҷозатнома, ки қисми ҷудонашавандаи он мебошад, эътибор дорад.

Сардор
Ҷ.М.

Бег Сабур

№ 0000871

**ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Қарори**
**Комиссияи иҷозатномадиҳии Хадамоти алоқаи назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«05» январи 2024 ш. Душанбе

Мувофиқи протокол аз 05 январи соли 2024 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» Комиссияи иҷозатномадиҳии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Қарор мекунад:**

1.Мӯҳлати амали иҷозатномаи ҶСП«Телекомм Технолоджи» таҳти №24-871-ҶТ силсилаи №0000871 аз 05.01.2024 барои пешниҳод намудани «Банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо, воситаҳои алоқа (аз ҷумла, ба истифода додани каналҳо шоҳроҳҳои алоқа)»; ин намуди хизматрасони иҷозатномаи №24-871-ҶТ силсилаи 0000871 тамдид карда шавад.

2. Раёсати назоратӣ вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати 5 рӯз пас аз имзо шудани қарори мазкур маълумот оид ба довталабоне, ки соҳиби иҷозатномаҳо гаштанд ба мақомоти андози сӯроғаи ба қайд гирифташудаи он ва ба довталабони иҷозатнома дорандаи
РМА 010002997, РЯМ0210001660 дастрас намояд.

Шахсони манфиатдор нисбати қарори мазкур бо тартиби муқаррар шуда, шикоят карда метавонанд.

Раис ____________ Бег Сабур.
Ҷ. М.

Котиб ____________ Шоҳусайни Ф.

# Шарту талаботҳои иҷозатномавӣ

Замима ба иҷозатномаи №24-871-ҶТ, силсилаи №0000871 аз 05 январи соли 2024 барои пешниҳод намудани хизматрасонии **«Банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо, воситаҳои алоқа (аз ҷумла, ба истифода додани каналҳо шоҳроҳҳои алоқа)»;**

«05» январи соли 2024 ш.Душанбе

Шартҳои зеринро Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Иҷозатномадеҳ) мувофиқи Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти № 172 тасдиқ шудааст, муқаррар менамояд ва иҷроиши он аз ҷониби ҷамъияти

**ҶСП «Телекомм Технолоджи»** мутобиқи иҷозатномаи додашуда ҳатмист:

Иҷозатномадор ҳуқуқ дорад дар асоси иҷозатномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Банақшагирӣ, сохтмон, истифодабарии шабакаҳо, воситаҳои алоқа (аз ҷумла, ба истифода додани каналҳо шоҳроҳҳои алоқа)»;** ки танҳо хамии хизматрасонии ба амал барорад.

Иҷозатномадор ӯҳдадор аст, шарту талаботҳои дар поён номбаршударо иҷро намояд:

- риояи намуди фаъолият дар соҳаи алоқа, ки дар доираи иҷозатномаи мазкур амали намудани хизматрасонии васл иҷозат дода шудааст;
- риояи ҳудуде, ки дар он амалӣ намудани фаъолияти иҷозатномашаванда иҷозат дода мешавад;
- риояи мӯҳлати амали иҷозатнома;
- риояи тартиб ва мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот аз рӯи шаклҳои аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда муқарраргардида оид ба фаъолияти иҷозатномадор;
- тартиб ва мӯҳлати ҳар семоҳа пардохти саривақтии хироҷи иҷозатномавӣ барои истифодабарии иҷозатнома;
- таъмини сертификатсияи воситаҳои техникии алоқа ба тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини меъёрҳои муқарраршудаи сифати хизматрасониҳо мутобиқи намудҳои фаъолияти иҷозатномашаванда, риояи ҳуқуқи муаллиф;
- пешниҳод намудани иттилооти дархостшаванда оид ба фаъолияти иҷозатномадор;
- риоя намудани санадҳои меъёриву ҳуқуқии дахлдор;
- пешниҳоди маълумот оид ба таҷҳизотҳои нави истифодашаванда;

Иҷозатномадор ӯҳдадор аст, хизматрасониро на дертар аз се моҳи пас аз гирифтани иҷозатнома шурӯъ намояд.

Иҷозатномадор ӯҳдадор аст, ҳар як семоҳа на дертар аз рӯзи 10 моҳи аввали семоҳаи баъдина ба мақомоти ваколатдор ҳисоботи молиявию оморӣ аз рӯи шаклҳои муқарраргардида пешниҳод намояд.

- барои истифодаи иҷозатнома дар соҳаи алоқаи баркӣ дар ҳар семоҳа ба андозаи 2,5 фоиз аз даромади иҷозатномадор ба буҷети давлатӣ хироҷ пардохт намояд;

Пардохти хироҷи иҷозатномавиро на дертар аз санаи 10-уми моҳи аввали семоҳаи оянда ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

- ба истифодабарандагон тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, тарифҳо ва ахбори истеъмолиро, аз ҷумла, тавассути воситаҳои ахбори омма ва дар сомонаҳои интернетӣ худ бо забони давлатӣ хабар расонад.

Иҷозатномадор бо дархости мақомоти иҷозатномадиҳанда бояд дар бораи ҳолат ва андозаи хизматгузориҳои пешниҳодшаванда дар мӯҳлати муқарраркардаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ахборот пешниҳод намояд.

Тамоми воситаҳои насбкарда ё харидорӣ намудаи Иҷозатномадор ҷиҳати хизматрасонӣ тибқи Иҷозатнома сарфи назар аз бекор кардан, тағйир ёфтан, ё бозхондани Иҷозатнома моликияти Иҷозатномадор ҳисоб меёбад.

Иҷозатнома дар мӯҳлати 5 (панҷ) сол амал мекунад. Иҷозатномаро мумкин аст ба мӯҳлати дода шуда дар асоси аризаи Иҷозатномадор на дертар аз 2 (ду) моҳ аз лаҳзаи ба охиррасии мӯҳлати амали он тамдид карда шавад.

Иҷозатнома ба ворисони ҳуқуқ дахл надорад, ба дигар шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо ҳеҷ гуна шарт дода шуданаш мумкин нест.

Дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, (соҳибкори инфиродӣ) таъғйир ёфтани ном ё макони ҷойгиршавӣ ва ё тағйир ёфтани ном ё ҷои истиқомати соҳибкори инфиродӣ, иҷозатномадор - шахси ҳуқуқӣ (ворисн ҳуқукии ӯ) ё соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз барои аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштанашро тасдиқ менамояд, ариза диҳад ва ба он ҳуҷҷатҳоеро замима кунанд, ки тағйироти нишондодашударо тасдиқ менамоянд.

Иҷозатномадеҳ ҳақ дорад ҳангоми ҷорӣ шудани стандартҳои нав меъёр ва қоидаҳои истифодабарии шабакаҳои алоқаи барқӣ ба шарту талаботҳои Иҷозатнома тағйироту иловаҳо ворид намояд.

Назорати риояи шарту талаботҳои иҷозатномавиро Иҷозатномадеҳ ба амал мебарорад.

Сардор Бег Сабур

Ч.М.